*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ш. Душанбе*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар шароити имрӯза яке аз кисматҳои фаъоли иқтисодиёти миллӣ ин низоми бонкии кишвар мебошад, ки он дар айни замон ба рушди бахшҳои алоҳидаи он накши назаррас дорад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдодаи худ як қатор хусусиятҳои сатҳи ҳамгироии низоми бонкӣ бо иқтисодиётро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода ҳамзамон вазъияти онро дар муқоиса ба дигар омилҳои таъсиррасон таҳлилу баррасӣ намудааст. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор нишондиҳандаҳои муқоисавӣ анҷом гардида, ҳиссаи афзалиятнок ва рушди иқтисоди миллӣ ва низомӣ бонкӣ дар дараҷи ҳамвобастагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба ин муҳимиятҳо автореферати мазкур фаҳмиши истифодабарандагони қарзҳои низоми бонкӣ ва сатҳи ҳамкории онҳоро муаян менамояд.

Яке аз ҳадафҳои асоси таҳқиқоти анҷомгардидаи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович ин мушаххасоти сатҳи ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт мебошад. Аз ин лиҳоз заруриятҳои иқтисодӣ ва талаботҳои ҷойдошта водор ба он менамояд, ки чунин фарқиятҳо дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ ва пешниҳод гардад дараҷаи ҳамгироии байнисоҳавӣ баланд бардошта шавад. Хотирнишон намудан зарур аст, ки тамоилҳои зудтағйирёбандаи равандҳои ҷаҳонишавӣ то як андоза вазифаҳои бахши бонкиро душвор намуда, онҳоро ба он водор сохтааст, ки ҳарчи зудтар ба технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар самти табодули ахбороти молиявӣ рӯ оварда, мавқеи худро дар сатҳи рақобатпазирӣ ва пешниҳоди шаффофи

амалиётҳо бештар намоянд. Иловатан бо шарофати ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати рақобат дастовардҳои илмию техникии ҷаҳонӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти иқтисодии кишварҳо, аз ҷумла бонкдорӣ васеъ истифода мешаванд. Тибқи ин зарурияту гуфтаҳо бояд иброз намуд, ки таҳлилҳои дар афтореферат овардашуда моҳияти аслии таҳқиқотро ба пуррагӣ инъикос менамояд ва он норасоиҳое, ки дар инҷо ба назар мерасад арзиши баланди рисоларо коста намегардонад.

Зимни арзёбии ҷараёни ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани таҳлили омилӣ ба манфиати кор мебуд.

Дар умум автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Ҷулиев Музаффар Ҳалимович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
саромӯзгори кафедари молияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Султонов М.С.

Дурустии имзои Султонов М.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.

*Суроға:* 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айни, 67
*Тел: +(992)3222-2-54-81, Факс: +(992)3222-2-22-53*